## ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ**

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими назариявию методологӣ ва амалии илмҳои таърих «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» бахшида шудааст.

Дар таърихи инсоният Ҷанги дуюми ҷаҳон аз нигоҳи миқёс, аз рӯи шумораи қурбониён, харобиҳо ва оқибатҳои фалокатовар бузургтарин ва хунинтарин задухӯрди мусаллаҳона ба ҳисоб меравад. Ғалаба бар Германияи фашистӣ бо ҷидду ҷаҳди ҳамаи халқҳои ИҶШС ба даст омад. Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон қариб 300 ҳазор нафар сокинон даъват шуда, зиёда аз 90 ҳазор нафари онҳо аз майдони ҷанг барнагаштанд.

Бо вуҷуди ҳазорҳо киломерт дур аз Тоҷикистон сурат гирифтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба хотири пешгирӣ кардани хатару таҳдиди фашизм ба амнияти халқу Ватан дар он беш аз 300 ҳазор нафарфарзандони Тоҷикистон, минҷумла аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷабҳаҳои ҷанг сарфарбар гардиданд, ки аз худ ҷасорату мардонагӣ ва қаҳрамониҳои бемисл нишон доданд. Дар ин баробар ҳазорҳо нафар аз қаҳрамонони дигар барои таъмини артиш ва аҳолӣ бо озуқаворӣ ва дигар ашёҳои ба онҳо зарур шабонарӯзӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва саҳроҳои колхозӣ фидокорона меҳнат кардаанд, ки ин қаҳрамонӣ ва шуҷоати онҳо ниёз ба таҳқиқ ва омӯзиш дорад.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи мазкур то ҳол дар таърихнигории илмии таърихи халқи тоҷик объекти

алоҳидаи таҳқиқот қарор нагирифтааст, ки илми таърихи ватанӣ дар замони ҳозира марҳилаи аз нав арзёбии бисёр далелҳо ва воқеаҳоро аз сар мегузаронад, ки муаллиф бо дастрасии маводҳои қаблан дастнорас, махсусан ҳуҷатҳои дар бойгонӣ маҳфузбударо дастрас намуда, дар муқоиса бо маводҳои қаблан нашршуда мавриди истифода қарор додааст.

Зимни таҳқиқоти илмии Исуфов Ш.В. таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва маводҳои бойгонӣ вазъи соҳаи кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлобро дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон додааст, ки омӯзиши таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши хоҷагии қишлоқ дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди эҳё ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ дар замони муосир аҳамияти бузург дорад.

Дар таҳлилу баррасии муаллифи диссертатсия ҳолати хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафа ва солҳои ҷанг, корнамоии меҳнаткашони деҳоти вилояти Кӯлоб, ҳолати моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ, фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракати ватандӯстии деҳқонони колхозӣ, омодакунии мутахассисон ва таъмини қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷаги қишлоқ, чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дуруст инъикос ёфта ва саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлобро дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода, ба таври возеҳ баррасӣ намудааст.

Диссертатсия мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти омузиши мавзуъ асоснок карда шуда,

дарачаи омузиши мавзуи интихобшуда таҳлилу таҳқиқ шуда, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас дақиқ карда шудаанд. Дар муқаддима асосҳои методологии таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори таркибии рисолаи диссертатсионӣ нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар боби аввали рисола оид ба вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи ҷанг, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ва чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ" унвонгузорӣ шуда аз се зербоб иборат мебошад, ки дар бораи нақши меҳнаткашони вилоят барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ сухан меравад.

Дар маҷмуъ боби дуюми рисола оиди муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа, корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳқиқ шудааст. Зеро аҳли фарҳангу маориф низ фаъолияти худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар ғалаба аз болои фашизм саҳми назаррас гузоштанд.

Дар хулоса фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ ва пешниҳодоти ӯ дар самти таҳқиқи минбаъдаи мавзуи мазкур ҷой дода шудаанд.

Диссертатсияи Исуфов Ш.В. ба омузиши яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи навтарини Тоҷикистон бахшида шуда, дар илми таърихи ватанӣ икдоми хеле муҳим ва саривақти мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмӣ мувофиқ буда, барои дарёфт намудани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Муқарриз: Сардори Раёсати илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.т., дотсент: Карамалишоев К. Н.

Имзои н.и.т., дотсент Карамалишоев К. Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бобозода О. О.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33,
тел.: (+992 37) 22-86-220
почтаи электронӣ: info@apa.tj

21.01.2022